АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ
ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО

ҚУДРАТЗОДА КОМРОН АБДУНАБӢ

# САЙЁҲ

## ТАШАККУЛ ВА РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР КИШВАРҲОИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ



ДУШАНБЕ – 2023




© Кудратзода К.А., 2023

# ПЕШГУФТОР

Имрӯз дар тамоми кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ сайёҳӣ беандоза рушду пешравӣ кардааст. Табиати зебо, маконҳои муқаддас, ҷойҳои тамошобоби беназир сайёҳонро аз тамоми гӯшаву канори ҷаҳон ба сӯи худ мекашанд. Обу ранги маҳал ва хусусиятҳои ба худ хоси миллии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ барои ҳама сайёҳон қобили таваҷҷуҳ аст. Дар солҳои охир саёҳат ба кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бидуни раводид хеле зиёд шудааст, ки ин сафарро ба маконҳои тамошобоби ин кишварҳо барои сайёҳон хеле содаю осон мегардонад. Имрӯз бисёре аз кишварҳои ҷаҳон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ сайёҳии бевизаро муқаррар намудаанд, бахусус бо Шри Ланка, Лаос, Малайзия, Тайланд, Филиппин, Индонезия, Ветнам ва ҷазираи тропикии Хайнани Чин.

Кишварҳои ин минтақа захираҳои зиёди ҷолиби таваҷҷуҳ, дамгирӣ, фароғатӣ ва фарҳангӣ доранд. Ҳар кишвари ин минтақа дорои хусусиятҳои хосе мебошанд, ки сайёҳонро ба сӯи худ мекашанд.

Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар минтақаи нимҷазираи Ҳиндухитой ва галаҷазираҳои сершумори архипелаги Малай ҷойгир шудааст. Кишварҳои минтақа бо Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ, Австралия ва Океания ҳамҳудуд мебошанд. Ба ҳайати ин минтақа 11 кишвар аз қабили Мянма, Ветнам, Тайланд, Малайзия, Лаос, Камбоҷа, Индонезия, Филиппин, Бруней, Сингапур ва Тимори Шарқӣ шомил мебошанд.

Осиёи Ҷанубу Шарқӣ Авруосиёро бо Австралия пайваста, дар навбати худ бо ҳавзаҳои уқёнусҳои Ҳинду Ором ҳамҳудуд мебошад. Тамоми ин манотиқро баҳрҳо иҳота кардаанд, ки азимтарини онҳо баҳрҳои Ҷануби Чин ва баҳри Филиппини уқёнуси Ором ва Андамани уқёнуси Ҳинд ба ҳисоб мераванд.

Дар байни кишварҳои минтақа Бруней сохти шоҳигарии мутлақ, Камбоҷаю Тайланд ва Малайзия шоҳигарии констутсионӣ дошта, тамоми кишварҳои боқимонда ҷумҳурӣ мебошанд.

Аҳамияти инкишофи сайёҳӣ дар бисёр кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, махсусан барои кишварҳои Таиланд, Камбоҷа, Малайзия, Сингапур, Индонезия ва Филиппин дар рушди маҷмуи маҳсулоти дохила, дар бунёди ҷойҳои нави корӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва фаъолии тавозуни тиҷорати беруна нақши муҳим дорад.

Аҳамияти инкишоф ва рушди сайёҳиро дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба назар гирифта, мақсад гузоштем, ки омилҳои асосии сафару саёҳати сайёҳонро ба ин минтақа муайян намоем ва дар ин самт тадқиқоти кишваршиносиро анҷом диҳем.

Барои ноил шудан ба мақсад вазифаҳои зерин: омӯхтани иқтидори сайёҳии таърихан ташаккулёфтаи қаламрави Осиёи Ҷанубу Шарқӣ; баҳо додан ба имконияту иқтидорҳои сайёҳиву фароғатӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ; интихоб кардани ҷазираи Бали ҳамчун намунаи маркази сайёҳии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ; ташкили сафари имконпазир ба ҷазираи Бали иҷро карда шудан.

Обекти тадқиқоти кишваршиносиро давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, аз қабили Мянма, Ветнам, Тайланд, Малайзия, Лаос, Камбоҷа, Индонезия, Филиппин, Бруней, Сингапур ва Тимори Шарқӣ ташкил медиҳанд.

Субекти тадқиқоти кишваршиносиро сайёҳӣ, шароити мусоиди сайёҳӣ, инфраструктураи сайёҳӣ дар давлатҳои минтақаи номбурда дониста мешавад.

Мақсад ва вазифаи тадқиқоти кишваршиносӣ ҷамъбасти маълумоту ахбороти гуногун оид ба ташаккул ва рушди сайёҳӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, натиҷагирӣ намудан дар ин самт ва пешбини намудани дурнамои рушди сайёҳӣ дар минтақа мебошад.

Аҳамияти амалии тадқиқот аз он иборат аст, ки маводи дар он баррасӣ гардида, доир ба ташаккул ва рушди сайёҳӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, метавонад дар ташаккул ва рушди сайёҳӣ дар кишвари азизамон Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор бошад ва дар муассисаву идораҳои дахлдори давлатии соҳаи сайёҳӣ, дар истироҳатгоҳҳову фароғатгоҳҳо ва барои сайёҳону ҷаҳонгардон ҳамчун дастури роҳнамо истифода бурда шавад.



## ИҚТИДОРИ САЙЁҲИИ ТАЪРИХАН ТАШАККУЛЁФТА ВА ҶУҒРОФИЁИ СЁСИИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ

Осиёи Ҷанубу Шарқӣ нимҷазираи Ҳиндухитой ва ҷазираҳои сершумори Малайро дар бар мегирад, ҳавзаест байни уқёнусҳои Ором ва Ҳинд.

Мавқеи ҷуғрофиёии ин минтақа дар байни ду манбаи маданияти қадима ва ду давлати сераҳолии ҷаҳони муосир – Чину Ҳинд ҷойгир буда, дар ташаккули харитаи сиёсӣ, раванди рушди хоҷагию фарҳангӣ ва ташаккули этникию динии аҳолии ин минтақа таъсир гузоштааст. Мавқеи ҷуғрофӣ, захираҳои бойи табиӣ ва инсонии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ сабаби таваҷҷуҳи мустамликадорон дар гузашта ва сиёсати нави мустамликадорӣ дар замони муосир гардидааст.

Ғасби қаламрави Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз ҷониби аврупоиён дар замони кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ сар шуда буд. Пас аз экспидитсияи Магеллан Эл Кано (с. 1516) испаниҳо дар Филиппин мустақар гаштанд. Дар асри XVI португалиҳо нимҷазираи Малакка ва ҷазираҳои Молуккро мустамликаҳои худ гардониданд. Аз асри XVII то асри XX қаламрави имрӯзаи Индонезияро голландиҳо ба зери тасарруфи худ даровարда буданд. Дар охири асри XIX дар қисмати шарқии нимҷазираи Ҳиндухитой мустамликаҳои Франсия ба вуҷуд омаданд. (ҳудудҳои пешинаи мустамликаҳои Франсия қаламрави имрӯзаи Ветнам, Лаос ва Камбоҷаро дар бар мегирифт).

Дар ибтидои асри XX бисёр сарзаминҳои ин минтақа мулкҳои Британияи Кабир мешаванд: дар шимол ҷазираи Калимантан, ниҷазираи Малакка ва ҷазираҳои наздик ба он, инчунин масоҳати имрӯзаи давлати Мянмо низ ба мулкҳои ҳиндии Бритониё тобеъ мешаванд ва Португалия тамоми мулкҳояшро дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз даст медиҳад.

Дар натиҷаи ҷангҳои таҷовузӣ, солҳои 1898-1904 Иёлоти муттаҳидаи Амрико Филиппинро тасарруф менамояд (собиқ мустамликаҳои Испания).




Танҳо шоҳигарии Тайланд ба ном истиқлолияти хешро дошт, аммо он низ зери нуфузи сиёсӣ ва иқтисодии Англия ва Франсия буд.

Танҳо баъди Ҷанги ҷаҳонии дуюм раванди аз ҳам рехтани низоми мустамликадории ҷаҳонӣ сабаб шуд, ки дар минтақа давлатҳои мустақил ба вуҷуд оянд.

Соли 1945 – соҳибистиқлолии Лаос ва Индонезия эълон карда мешавад. Дар соли 1949 Нидерланд истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Индонезияро эътироф менамояд.

Соли 1945 – истиқлолияти Ҷумҳурии Демократии Ветнам бо пойтахташ Ханой эълон шуд, вале дар соли 1946 ғосибони фаронсавӣ дубора онро таҷовуз намуданд ва ҶДВ то соли 1954 бар зидди онҳо мубориазаи миллии озодихоҳона бурдааст. Дар кишвар то гузаронидани интихоботи умумихалқӣ ин давлат ба ду қисм ҷудо гардида буд ва бар хилофи созишнома

дар қисмати ҷанубӣ Ҷумҳурии Ветнам бо пойтахташ шаҳри Сайгон ташкил карда мешавад. Аз соли 1965 то соли 1973 сарбозони амрикоӣ бевосита дар ҷангҳо бар зидди инқилобчиён дар Ветнами Ҷанубӣ иштирок карда қаламрави Ветнами Шимолиро бомбаборон мекунанд. Дар соли 1975 режими Сайгон шикаст хӯрд ва дар соли 1976 Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам тамоми қаламравро муттаҳид намуд.

Соли 1946 – Филиппин ва соли 1948 – Бирма (ҳоло Мянма)давлати мустақил эълон карда мешаванд.

Соли 1953 – Камбоҷа давлати мустақил мегардад ва аз соли 1979 Ҷумҳурии Халқии Камбоҷа эълон карда мешавад.

Соли 1957 – Малая ва соли 1959 – Сингапур соҳибистиқлол мегарданд.

Соли 1963 Малая, Сингапур ва собиқ мулкҳои Британия - Сабоҳ ва Саравак (дар ҷазираи Калимантан) дар Федератсияи Малайзия муттаҳид мешаванд ва дар соли 1965 Сингапур аз Федератсия хориҷ шуда, давлати мустақил гардид.

Соли 1975 – истиқлолияти Тимори Шарқӣ (собиқ мустамликаи Португалия) эълон гардид, вале қаламрави он аз ҷониби Индонезия ғасб карда мешавад. Масъалаи мустақилияти Тимори Шарқӣ алайҳи созишномаи СММ то ҳол ҳал нашудааст.

Соли 1979 – сарнагунии режими полпотӣ дар Камбоҷа. Эълони Ҷумҳурии Халқии Камбоҷа ба амал меояд.

Соли 1993 – баъди бо сарпарастии СММ гузарондани интихоботи умумихалқӣ давлати нав - ташкили давлати Шоҳигарии Камбоҷа ва Коститутсияи он қабул гардид.

Соли 1984 – давлати салтанатии Бруней мустақил гашт. (собиқ мустамликаи Британия)

Соли 1967 Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷануби Шарқӣ (АСЕАН) ташкил ёфт, ки дар ҳайати он Индонезия, Малайзия, Сингапур, Тайланд,Филиппин дохил мешуданд. Баъдан ба он Бруней ( с. 1984), Ветнам (с. 1996), Лаос ва Мянма (с. 1997) пазируфта мешаванд.




АСЕАН, ки зиёда аз 50 сол қабл ташкил ёфта буд, барои рушд ва суръатёбии ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии минтақа корҳои зиёдеро анҷом дод ва ба пешрафтҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ноил гардид. Татбиқи навовариҳои бисёр далели муваффақиятҳову дастовардҳои он аз қабили Минтақаи Тиҷорати Озоди АСЕАН, Форуми Минтақавии АСЕАН мебошанд, инчунин барои кишварҳои минтақа Ҳамкории иқтисодии Осиё ва Уқёнуси Ором, ҳамкории сӯдбахш бо Иттиҳоди Аврупо омили рушду тараққиёти аъзоёни ин созмон мебошад.



## ИМКОНИЯТҲОИ САЙЁҲИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ

Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар минтақаи экваторӣ ва субэкваторӣ ҷойгир шудааст. Ҳарорати баланди солона (+26) тағйиротҳои мавсимии зиёде (2-3) надоранд. Моҳи гамтарин моҳи апрел (+30 С) аст. Бодҳои муссонӣ нуфузи зиёд дошта, табдили онҳо боду ҳаворо, мавсими бориш ё бебориширо муайян мекунад. Ҷазираҳои Филиппин аз туфонҳо хеле осеб мебинанд. Ҳар сол дар ин ҷо 3-4, баъзан то 20 тайфун рух медиҳад. Бисёр дарёҳои калони қисми материкӣ аз кӯҳҳои Ҳимолой ва Тибет сарчашма мегиранд. Шабакаҳои зиёди дарёҳо аз боронҳо низ сероб мешаванд. Дар мавсими боронҳои муссонӣ дарёҳо сероб шуда, ҳангоми беборишӣ камоб ва қариб мехушканд. Дарёҳои калон – Меконг, Хонг, Иравади, Капуас, Соло ва ғайраҳо мебошанд.



Қабатҳои замини ин сарзамин кам тадқиқ шуда, аммо захираҳои кашфшуда шаҳодат медиҳанд, ки ин сарзамин захираҳои зиёди минералӣ дорад. Ангиштсанг дар минтақа кам буда, захираҳои он дар шимоли Ветнам мавҷуданд. Дар Индонезия, Малайзия ва Бруней нефту газ истихроҷ мешавад. Аз минтақа хати металлогении калонтарини ҷаҳон "Камари қалъагӣ"-и Осиё мегузарад. Қабатҳои таҳнишини мезозойӣ ба захираҳои бойи металлҳои ранга сабаб шудаанд: қалъагӣ (дар Индонезия ва Тайланд 1.5 млн. тоннагӣ), Мянма (40 ҳаз. тонна), волфрам (захираҳои Мянма- 40 ҳаз. тонна, Тайланд – 25 ҳаз. тонна, Млайзия – 20 ҳаз. тонна) мебошанд. Минтақа боигарии зиёди мис, рух, сурб, молибден, никел, сурма, тилло ва кобалт дорад, Мянма – нуқра, Филиппин – тилло ва миси фаровонро дорост. Минералҳо – намаки калий (Тайланд, Лаос), апатит (Ветнам) , сангҳои қиматбаҳо (ёқути кабуд, забарҷад, ёқути сурх) дар Таиланд фаровон мебошанд. Захираҳои об дар ҳама кишварҳо барои обёрии заминҳо оқилона истифода мешавад. Дар мавсими хушксолӣ барои захира кардани об масрафҳои зиёд барои сохтмонҳои иншоотҳои ирригатсионӣ ба кор бурда мешавад. Оби дарёҳои нимҷазираи Ҳиндухитой (Иравада, Менам ва Меконг) барои таъмини эҳтиёҷ ва истеҳсоли неруи барқ истифода мешавад.



Минтақа захираҳои ҷангалии хеле зиёд дорад. Ин макон дар минтақаи бешазори ҷанубии Замин воқеъ гардида, ҷангалзорҳо 42% масоҳати онро фаро гирифтаанд. Майдонҳои паҳновари бешазор 87%-и масоҳати Бруней, 69%-и масоҳати Камбоҷа, 57%-и Лаос, 60%-и Индонезия ва 7%-и Сингапурро фаро гирифтаанд. Ҷангалҳои минтақа дарахтони чӯбашон қиматбаҳо ва сифати хуб (мустаҳкам, оташтобовар, ранги зебо) доранд: сарв, санавбар, сандал, палма,

дарахти сундра. Захираҳои моҳии маконҳои соҳилӣ ва обҳои дохилӣ аҳамияти калон доранд: моҳӣ ва дигар маҳсулоти баҳрӣ дар ғизои мардум васеъ истифода мешавад. Дар баъзе ҷазираҳои Малай марворидҳои баҳриро пайдо ва ҷамъоварӣ мекунанд.




Аҳолӣ ба таври нобаробар ҷойгир шудааст. Зичии максималӣ – дар ҷазираи Ява, ки 65%-и аҳолии тамоми Индонезия дар он зиндагӣ мекунад. Зиёдии аҳолии Ҳиндухитой дар водиҳои дарёҳои Иравада, Меконг, Менема сукунат доранд ва зичии аҳолӣ то 500 – 600 нафар дар км² ва дар баъзе ноҳияҳо ба 2000 наф. рост меояд. Ноҳияҳои кӯҳӣ ва баъзе ҷазираҳо хеле камаҳолӣ мебошанд, зичии миёна аз 3 – 5 наф. дар км² зиёд нест. Дар маркази ҷазираи Калимантан ва дар ғарби ҷазираи Гвинеяи Нав маконҳои беодам низ ёфт мешаванд. Шаҳрҳои миллионер маъмулан марказҳои бандарӣ мебошанд, ки тиҷорат сабаби бунёди онҳо гаштааст. Агломератсияи шаҳрии минтақа: Ҷакарта (10,2 млн. нафар), Манила (9,6 млн. нафар), Бангкок (7,0 млн. нафар), Янгон (3,8 млн. Нафар), Хошимин (собиқ Сайгон 3,5 млн. нафар), Сингапур (3 млн. нафар), Бандунг (2,8 млн. нафар), Ханой (1,2 млн. нафар) ва ғайра.

Дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ зиёда аз 200 млн. нафар, 53%-и аҳолӣ дар кишоварзӣ, 16% дар саноат, боқимонда дар соҳаи хизматрасонӣ машғулият доранд. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ минтақаи сермиллат буда, обуранги мухталифи иҷтимоӣ дорад. Суръати баланди бунёди шаҳрҳо сабаб шудааст, ки селаи зиёди қувваи кории бетахассус ба ин шаҳрҳо оянд ва аз ин сабаб баландшавии сатҳи




ҷинояткорӣ ва қочоқи маводи мухаддир, бекорӣ ва ғайра дида мешавад.

Нақлиёти минтақа, дар умум, нобаробар рушд кардааст. Роҳҳои оҳан кам буда, танҳо ноҳияҳои саноатиро бо марказҳо мепайванданд. Дарозии умумии роҳҳои оҳан 25 339 км. буда, Лаос ва Бруней умуман роҳи оҳан надоранд.

Дар солҳои охир роҳҳои автомобилӣ бо суръати тез сохта мешаванд. Шумораи умумии нақлиёти мусофирбар 5,8 млн. ва боркаш 2,3 млн. мебошад.

Дар кишварҳои минтақа нақлиёти обӣ нақши асосиро мебозад. Халиҷи Малакко дар ин ҷода аҳамияти хоса дорад (дарозиаш - 937 км. , бараш – 15 км., аз ҳама ҷои камумқаш – 12 м. ). Барои боркашонии байни ҷазираҳо киштиҳои бодбонӣ низ истифода мешаванд. Сингапур (11,4 млн. барел – реестр, тонна), Тайланд (2,5 млн. бр. р. тонна), Индонезия (2,3 млн бр. р. тонна), ин кишварҳо флотҳои худро доранд. Бандари Сингапур аз бандарҳои калони дунё (280 млн.) ба

ҳисоб рафта, баъди Роттердам ва Сянгон ҷои сеюмро мегирад. Бандарҳои калони инҷо Серибегаван (Бруней), Хошимин, Хайфон, Дананг (Ветнам), Ҷакарта, Сурабая (Индонезия), Куантан, Клан, Котакинабалу (Малайзия), Бангкок (Таиланд) ва ғайра мебошанд.

Нақлиёти ҳавоии минтақа дар ҳолати рушду пешравист. Дар минтақа 165 майдони ҳавоӣ бо хатҳои доимӣ фаъолият доранд. Дар солҳои охир аз рӯи сифати хизматрасонӣ майдони ҳавоии Сингапур дар ҷаҳон пешсаф аст. Хизматрасонии солонаи он 24 млн. мусофир (пасажир) аст. Хатсайрҳои дохилиминтақавиро компанияҳои миллии "ЮБА" (Мянма), "Гаруда" (Индонезия), "Роял Бруней Эйруэйз" (Бруней), "Сингапур Эйрлайнз" (Сингапур) хизматрасонӣ мекунанд. Роҳҳои асосии оҳан ва автомобилӣ бандарҳои кишварро ба ноҳияҳои дохилӣ пайванд карда, ғолибан дар хидмати робитаҳои иқтисодии берунӣ мебошанд.




Минтақа захираҳои бои сайёҳиву фароғатӣ дорад, вале аз сабаби ақибмондагии иқтисодии баъзе кишварҳо ба таври кофӣ истифода бурда намешаванд. Манзараҳои зебою нодири экваторӣ, осоишгоҳҳои соҳилӣ, ёдгориҳои меъморию таърихии асрҳои гуногун, ғароиботи рӯзгори муосир ва анъанаҳои миллӣ заминаи хуби рушди соҳаи сайёҳӣ мебошанд.

Ба рӯйхати ЮНЕСКО 24 обекти минтақа дохил шудаанд:

- дар Ветнам (4) - ёдгориҳои асримиёнагии Хюе ва халиҷи Ха, шаҳри асримиёнагии Хой;
- дар Индонезия(6) - ибодатгоҳи Боробадур ва Прамбанан, боғҳои миллии Комодо, Лоретс, Уҷунг, ва ғ. ;
- дар Камбоҷа (1) - маҷмааи ибодатгоҳи Анкорват асри 12;
- дар Лаос - қароргоҳи собиқи шоҳонаи Луанг Прабанг;
- дар Малайзия (2) - боғҳои Гунун Мула ва Кинабалу;
- дар Тайланд (4) - боғи миллии Тхунгиай – Хуай – Кха – Кхаенг, пойтахтҳои қадимии Сукотан ва Аютия (асрҳои 13- 14), бозёфтаҳои археологии Бан Чянг;
- дар Филиппин (5) - боғи уқёнусии "Рифҳои Туббатаха", калисоҳои давраи барокко, маркази таърихии шаҳри Виган ва ғ.;

Дар умум тиҷорати сайёҳӣ дар минтақа (ғайр аз Сингапур ва Тайланд) ба таври дилхоҳ ривоҷ наёфтааст. Барои ривоҷу равнақи сайёҳии хориҷӣ дар кишварҳои минтақа корҳову чораҷӯиҳо, ба монанди бунёди меҳмонхонаҳову ташкили шабакаҳои нави нақлиётӣ зиёд анҷом дода мешаванд.

Акнун имкониятҳои сайёҳии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқиро дар алоҳидагӣ, вобаста ба кишварҳои минтақа аз назар мегузаронем.

**Тайлан.**

Тайландро аз рӯи масоҳат ба Франсия метавон барбар кард, аҳолиаш 60 млн. нафар аст. Тайланд то ҳол фарҳанги буддоии бостонияшро нигоҳ доштааст. Қабати волфрамию қалъагӣ, ки аз қаламрави кишвар мегузарад, сабаб шудааст, ки Тайланд аз ҷиҳати истеҳсоли қалъагӣ

дар қатори давлатҳои аввалин истад. Зироати асосии он биринҷ аст. Тайланд истиқлолияти сиёсиашро дар давоми асрҳои зиёд ҳифз кардааст.




Дар замони муосир Тайланд зиёратгоҳи сайёҳии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба ҳисоб меравад. Сайёҳонро боду ҳавои мусоид ва инфраструктураи пешрафтаи сайёҳии он, ёдгориҳою ҷойҳои таърихӣ, аз ҷумла ибодатгоҳҳои буддоӣ ва имконияти гашти озод ба сӯи худ ҷалб мекунад. Шаҳрҳои Бангкок, Паттайя, Пхукет ва Самуиро метавон чун марказҳои сайёҳии Тайланд ном бурд.




Дар Бангкок 400 ибодатхона буддоӣ мавҷуд аст. Дар байни онҳо ибодатхонаи "Субҳидам" бо манораи 104 метрааш ва Буддои Зумуррадӣ машҳуранд.

**Сингапур.**

Маркази машҳури сайёҳии байналмилалӣ Сингапур аст, ки дар навбати хеш маркази молиявӣ, саноат




ва нақлиёт низ мебошад. Дар Сингапур маконҳои зиёди табиии диданӣ ва фарҳангӣ вуҷуд доранд.

Боғи вахш, боғи паррандагон, фестивалҳои санъат, маҳалҳои этникӣ (Чайнатаун, Ҳинди Хурд) – инҳо ҷойҳоеянд, ки маъмулан сайёҳон аз ин ҷойҳо боздид менамоянд. Осорхонаи кушоди "Боғи марҳами паланг", ки замоне аз ҷониби сарватмандони чинӣ, бародарон аз оилаи Су сохта




шудааст. Сарватмандони чинӣ Ау Бин Хау ва Ау Бин Пар баъди истеҳсоли марҳами шифоии "Марҳами паланг" сарватманд шуданд. Ин марҳам на таҳо дар Сингапур, балки дар дигар

кишварҳо ҳамчун доруи касалиҳои тарбод, радикулит ва дигар бемориҳо машҳур гаштааст. Тиҷорати ин дору сарчашмаи дороии онҳо гашт ва ин оиларо ба радифи гурӯҳҳои молиявии Сингапур дохил намуд.

Барои абадӣ намудани номашон бародарон қитъаи заминеро дар доманакӯҳи соҳилӣ харида, дар ин ҷо боғ бунёд намуданд. Кори сохтмони боғ дар соли 1937 ба анҷом расид. Ин боғ аз ҷониби бародарон ба шаҳр ба шарте инъом шуд, ки он боғ баъди марги онҳо ёдгории оилавии онҳо ва ба номи онҳо монда мешуд. Васияти онҳо ба ҷо оварда шуда, дар суффакӯҳи баланде ҳайкали онҳо барқарор ва боғро "Боғи марҳами паланг" номиданд.

**Малайзия.**

Дар солҳои охир сайёҳонро Малайзия низ бештар ба сӯи хеш мекашад. Малайзия кишварест дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва қисми ғарбии он дар нимҷазираи Малакка, қисмати шарқияш дар шимоли ҷазираи




Калимантан (иёлатҳои Сабоҳ ва Саравак) ҷойгиранд. Малайзия аз дигар кишварҳои минтақа бо мувофиқати обуранги манзараҳо, фарҳанги қадим ва тараққиёти пешрафтааш фарқ мекунад.

Малайзия ба 13 иёлат тақсим мешавад. Пойтахташ Куала Лумпур дар ҷои бошишгоҳҳои коргарони аввалини конҳои қалъагӣ бунёд ёфтааст. Маконҳои аҷоибу ғароиби Малайзия боғи паррандагон аст , ки зиёда аз 5 ҳаз. парранда дорад; боғи оҳувон, (дар ин боғ оҳувоне умр ба сар мебаранд, ки мислаш дар ҷаҳон нест ва аз сабабаи хурдҷуссагӣ онҳоро "оҳуи мушҷусса" меноманд). Боғи шабпаракҳо низ дар ҷаҳон беҳамтост.

Малайзия кишвари саноатии босуръат пешраванда аст. Дар тақсимоти молии ҷаҳон Малайзия ҳамчун истеҳсолкунандаи қалъагӣ, каучук, инчунин техникаи маишӣ ба ҳисоб рафта, дар истеҳсоли биринҷ низ пешсаф аст.

Дар солҳои охир ин кишвар сиёсати ҳавасмандгардонии сайёҳиро пеш гирифтааст, чунки ин соҳа ояндаи хуб дорад. Бисёр иёлатҳо ва ноҳияҳои Малайзия аз лиҳози табиату иқлим хусусиятҳои хоса дошта мавриди таваҷҷуҳи сайёҳон гаштаанд. Иёлати Кадех бо аҳолии зиёда аз якмиллионааш дар шимолу ғарбии нимҷазираи Малайзия ҷойгир шудааст.




Дар қаламрави кишвар биринҷи фаровон истеҳсол карда мешавад. Дар ин иёлат ёдгориҳои зиёди археологӣ мавҷуданд. Дар наздикии соҳили Кадех ҷазира – фароғатгоҳи Ланкави ҷойгир шудааст. Ҷазира бо рустаниҳои тропикӣ пӯшонда шуда, соҳилҳои зебо дорад. Тақрибан, 112 км. ба самти шимолу ғарби соҳили нимҷазираи Малайзия ҷазираи Пенанг воқеъ гаштааст. Ин ҷазираро

“марвориди Шарқ” меноманд. Пляжҳои зебо ва манзараҳои дилкушо онро чун фароғатгоҳ машҳур гардонидаанд.




Иёлати Перак (2 млн аҳолӣ) “иёлати нуқрагин” номида мешавад, чунки дар ин ҷо конҳои калони қалъгиву нуқра мавҷуданд. Перак барои сайёҳон бо ғорҳои оҳаксангӣ – ибодатхонаҳояш маъруф аст. Дар иёлат якчанд мавзеҳои истироҳатӣ мавҷуданд: шаҳраки соҳилии Ламут, ҷазираи Пангкор, ҷазираи Пангкор Лаут ва ғ.

Иёлати Селангор дар самти ғарбии нимҷазираи Малайзия ҷойгир аст. Ин ҷо қисмати аз ҳама сераҳолӣ ва саноатии кишвар аст. Дар ин ҷо истироҳатгоҳҳои Мориб, Баган, Лаланг, инчунин дар ҷазираҳои Карей, Кетам, Индах ва Ангса фароғатгоҳҳои зиёд мавҷуданд. Фароғатгоҳи асосии иёлат Негри Сембилан (дар қисмати ғарбии соҳили Малайзия) дар ноҳияи бандари Диксон воқеъ гаштаанд.

Иёлати Малакка қисмати ҷанубу ғарбии Малайзияро ишғол карда, ҳамчун маркази фарҳангҳои омета маъруф аст: ҳиндӣ, исломӣ, чинӣ, аврупоӣ ва ҷопонӣ. Аз ин рӯ дар иёлат ёдгориву маконҳои зиёди тамошобоб аз қабили бутхонаву ибодатгоҳ, масҷиду мақбараҳо мавҷуданд.

Иёлати Ҷоҳор дарвозаи ҷанубии Малайзия аст. Аз ин иёлат роҳи оҳан мегузарад ва Малайзияро ба Сингапур пайванд мекунад. Иёлат ёдгориҳои таърихӣ, 166 боғ ва истироҳатгоҳҳои зиёд дорад. Иёлати Паханг дар соҳили шарқии Малайзия воқеъ буда, аз ҷиҳати масоҳат калонтарини иёлатаст. Дар ин ҷо фароғатгоҳҳои баландкӯҳ, қуруқҳои миллии табиӣ, кӯлҳои зебо мавҷуданд. Ҷазираи Тиоман ба қатори фароғатгоҳҳои пешрафтаи дунё дохил мешавад.

Иёлати Теренга маркази саноати бофандагии кишвари Малайзия ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо матои машҳури “батика” ва савғоҳои мисӣ истеҳсол мешавад, ки онҳоро сайёҳон бо майли тамом харидори мекунанд. Аз аҷоиботи табиати ин ҷо яке кӯли баландкӯҳи Кунуи ва шаршараи Синай аст. Ҷазираи Реданг барои акваторияи баҳрӣ яке аз маконҳои беҳтарин аст, ки сайёҳон бо ниқоб ва акваланг шиноварии зериобӣ мекунанд.

Иёлати Келантанро, ки дар шимолу шарқӣ ва дар ҳамсоягии Тайланд ҷой дорад, “гоҳвораи тамаддуни Малайзия” меноманд. Ин ҷо дар соҳилҳои Баҳри ҷанубии Чин истироҳатгоҳҳои зиёд ва соҳилҳо мавҷуданд, ки дарахтони кокос дар ин соҳилҳо сояафканӣ мекунанд.

Иёлати Сабох дар Малайзияи шарқӣ дар шимолу шарқии ҷазираи Борнео ҷойгир аст. Ин иёлати кӯҳистонӣ бо ҷангалҳои ваҳшӣ ва бо соҳилҳои дарози баҳриаш бо рифҳои марҷонӣ пӯшонда шудааст. Иёлати Саравак, ки тарҷумааш “кишвари паррандаи бинидор” аст, аз иёлатҳои калони Малайзия ба ҳисоб меравад. Ин иёлат қаланфур, какао, равғани нахл, чӯб ва нефт истеҳсол мекунад. Ба мисли дигар маконҳои кишвар ин иёлат низ боғҳои миллии зиёд дорад, ки сайёҳон дар онҳо сайру саёҳат мекунанд. Иёлати Лабуан бандари калон ва марказҳои молиётӣ дошта, бо суръати зиёд ривоҷу равнақ ёфта истодааст.

Дар соҳилҳои иёлат ҷазираҳои зиёде мавҷуданд ва дар соҳилҳояш бисёр киштиҳои ғаркшуда дорад, ки ин барои сайёҳони ба дайвинг шавқ дошта мароқовар аст.

Малайзия бо қуруққҳои баҳрияш овозадор аст. Қуруққҳои баҳрӣ ин як қисмати ҷудокардаи баҳр аст, ба хотири муҳофизати флора ва фаунаи рифҳои марҷонӣ ва организмҳои майда.

Ҳангоми ба қуруққҳои баҳрӣ даромадан як қатор қоидаҳоро риоя кардан лозим аст. Масалан, дар ин ҷо моҳидорӣ ва пойгаҳои киштиронӣ манъ аст, вале суратгирии зериобӣ иҷоза дода мешавад. Малайзия макони сайёҳии мазҳабӣ низ мебошад. Бешиари сокинони ин ҷо мусулмононанд. Тақрибан 30 км. аз Куала Лумпур ғорҳои Бату воқеанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар кишвар як қатор қоидаҳо мавҷуданд, ки риояи онҳо ҳатми мебошад. Масалан, барои овардани маводи мухаддир ҳукми қатл ҷорӣ аст.

**Мянма.**

Мянма – "кишвари ибодатхонаҳои тиллоии буддоӣ" аст, ки он яке аз анклавҳои пуриқтидори фарҳанги буддоӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқист.

Рамзи давлат ибодатхонаи азими Шведагон аст, ки 2500 сол пеш дар пойтахташ шаҳри Янгон сохта шудааст.




Дар кишвар ҳокимият дар дасти хунтаи ҳарбӣ мебошад, ки соли 1996 ҳукмрониро ба даст гирифта буд. Аз ин рӯ Мянма (дар гузашта Бирма) кишвари бенаво аст ва автомобил дар ин кишвар аҳёнан вохӯрда, нақлиёти асосӣ аспу барзагов ба ҳисоб меравад. Ин вазъ тараққиёти кишварро боздошта, аслан зоирони мазҳабии буддоӣ ба ин кишвар меоянд.




Сарфи назар аз гуфтаҳои боло, дар кишвар имкониятҳои сайёҳӣ мавҷуданд, масалан дар Мандалай – пойтахти пешинаи шоҳони ин ҷо, ёдгориҳои буддоӣ, вулқони хомӯши кӯҳии Поп ва дар Янгон меҳмонхонаҳои шиновар, ки аз киштиҳои кухна сохта шудаанд мавҷуданд.

**Бруней.**



Дар қисмати шимолу шарқии ҷазираи Калимантан давлати пешрафтаи Бруней мавқеият дорад. Асоси боигарии Брунейро истеҳсоли нефт ташкил медиҳад. Пойтахти Бруней шаҳри Бандар-сери-бегаван аст.

Инҷо 437 ҳаз. нафар аҳолӣ зиндагӣ дошта, аҳолии асосиаш малайзиягиҳо (65%) мебошанд. Султони Бруней яке аз шахсони сарватмандтарини ҷаҳон аст. Дар пойтахти давлат яке аз масҷидҳои калонтарини ҷаҳон – маҷсиди Умар Алӣ Сайфиддин сохта шудааст, ки сайёҳон аз он дидан мекунанд.




**Филиппин** – давлатест дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар архипелаг ҷойгир аст, ки аз 7 ҳаз. ҷазира иборат мебошад. Пойтахташ – Манила. Зиёдии масоҳати кишварро ҷангалҳои тропикӣ ишғол кардаанд. Боғҳои миллии зиёд (Канлаон, Маунт – Апо, Волкано ва ғ.) сайёҳии экологиро дар кишвар соҳаи ояндадор намудааст.

Дар таърихи Филиппин чандин саҳифаҳои ба ёдовардани мавҷуд аст. Дар асри 16 ба ин ҷазира Ф. Магеллан ба мақсади таблиғу интишори дини насронӣ омад, аммо аз ҷониби сокинони маҳаллӣ кушта шуд.

Асрҳо Филиппин мустамликаи Испания ва солҳои зиёд дар тасарруфи ИМА қарор дошт ва дар соли 1946 мустақил гардидааст. Дар сохтори иқтисодаш истеҳсоли молҳои саноатӣ ва кишоварзӣ бартарӣ дорад.




Саноати кишвар саноати кӯҳӣ буда, дар соҳаи кишоварзияш ба истеҳсоли қанди найшакар, тамоку, меваҳои тропикӣ ва ситрусӣ шомиланд. Дар самти ҷанубу шарқияш иёлати Давао ҷойгир буда, аҳолияш ба парвариши абаки ва саноати коркарди он (то матои тайёр) машғуланд.

Туризм дар Филиппин асосан ба тамошои манзараҳои зебо, маконҳои дастнахӯрдаи табиат алоқаманд аст. Пойтахташ Манила маркази калони саноатӣ, молиявӣ ва фарҳангии кишвар аст.




Дар пойтахт калисои асримиёнагии Сан – Августин ва биноҳои замони испаниҳои конкистадор боқӣ мондаанд. Осорхонаи миллии Филиппин, осорхонаи табиат ва осорхонаи санъати кишвар ҷойҳои тамошобоб мебошанд.

**Камбоҷа.**

Давлати салтанатии Камбоҷа дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар самти ҷанубии нимҷазираи Ҳиндухитой ҷойгир аст. Аҳолиаш 12,5 млн. Дини расмӣ – буддоӣ. Рамзи давлатияш Анкор-Ват маҷмаи нодири ибодатхонаҳои қадимӣ. Дар байрақаш манораҳои асри XII ибодатгоҳҳо мунаққаш аст.




Камбоҷа кишвари аграрӣ (дар ММД саҳми кишоварзӣ 53% ва саноат 5%). Дар кишвар ба қарибӣ ҷанги шаҳрвандӣ поён ёфт ва ҷони одамони зиёдро аз байн бурд. Барои сайёҳоне, ки ба кишвар, ба Пномпен меоянд, боздиди “осорхонаи қатли ом” ҳатмӣ аст. Аз чор қисмати осорхона дар яке аз онҳо осори солҳои 1975 то соли 1979 – солҳои ҳукмронии “кхимерҳои сурх” ва хонаи истинтоқи онҳо мавҷуд аст.

Мувофиқи нишондиҳандаҳои оморӣ Камбоҷа кишвари ақибмондаи минтақа аст. Даромад ба сари ҳар нафари аҳоли тақрибан 300 доллари амрикоӣ аст. Заминаи иқтисоди кишвар аз ҳисоби саноати бофандагӣ ва сайёҳӣ мебошад. Саноати бофандагии кишвар ба фабрикаҳои хурд асос ёфта, асосан барои ИМА, Ҷопон ва Аврупои Ғарбӣ либос истеҳсол менамоянд. Шумораи ками сайёҳон (400 ҳаз. нафар дар як сол) ба ин кишвар (бо доштани инфраструктураи ақибмондаи сайёҳӣ ва сатҳи баланди ҷинояткорӣ) меоянд.




**Ветнам.**

Ветнам ҳамсояи Камбоҷа буда, сайёҳон асосан ба шаҳрҳои Ханой ва Хошимин меоянд. Мақбараи Хошимин – роҳбари Ҳизби Коммунист ва муборизи миллию озодихоҳии Ветнам бар зидди фаронсавиҳо яке аз мавзеҳои зиёратии кишвар аст.




Новобаста аз сохтори сотсиалистияш Ветнам кишвари аз лиҳози иқтисодӣ босуръат рушдкунанда мебошад. Дар пойтахти кишвар меҳмонхонаҳои зиёд сохта шуда истодаанд. Аз рӯи истеҳсоли баъзе маҳсулот, масалан қаҳва ба чои намоён баромада истодааст.







Дар кишвар соҳаи сайёҳӣ низ рушду такомул ёфта истодааст. Якчанд фароғатгоҳҳои машҳур дорад: Нячанг, Фантхет, Дананг, Далат.

Нячанг – ин фароғатгоҳ дар халиҷи ҳамномаш ҷойгир ва соҳилҳои мисли барф сафед дорад, ғайр аз ин дар ин фароғатгоҳ чашмаҳои шифобахш мавҷуданд. Фазои бо бӯи баргҳои дарахти эвкалипт муаттараш барои беморони роҳи нафас давобахш аст.

Фантхет – истироҳатгоҳи машҳур бо майдонҳои бозии голф ва соҳилҳои баҳрӣ шӯҳрат дорад.

Дананг бандари калони баҳрӣ аст. Дар қисматҳои каронаи шаҳр фароғатгоҳҳо мавҷуданд, ки барои сайёҳон шароити хуби истироҳат муҳайё шудааст. Ба ғайр аз оббозӣ дар баҳр сайёҳон метавонанд бо варзиши киштиҳои бодбондор ва лижаҳои обӣ дилхушӣ намоянд. Куроти кӯҳистонии Далат бо манзараҳои зебои табиат, обшорон кӯлҳо ва ҷангалҳои санавбараш ба сайёҳон кайфияти хуб мебахшад.

Дар Ветнам ёдгориҳои зебои меъморӣ вуҷуд доранд, ки аз замони салтанати императорҳои сулолаи Нгуен боқӣ мондаанд ва ибодатхонаи ҳафтошёнаи “Тхиен Мгу” яке аз онҳост. Масоҳати зиёди кишварро ҷангалҳои тропикӣ пӯшондаанд. Дар Ветнам низ санъати сохтани боғҳои миллӣ равнақ ёфта истодааст. Ва сайёҳон дар ин боғҳо намудҳои нодири дарахтону гулу буттаҳо ва ҳайвонотро метавонанд тамошо кунанд.

Ветнам ва Камбоҷа кишварҳоеанд, ки дини буддоӣ дини расмии онҳост ва сайёҳати мавзеъҳои динӣ ва зиёрати онҳо рушд намудааст.

**Лаос.**

Лаос – кишваре дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, пойтахташ Вентян. Дар ғарб бо Тайланд, дар шарқ бо Ветнам, дар шимол бо музофоти Юннани Чин, дар шимолу ғарб бо Мянма ҳамсарҳад аст.

Қисми зиёди аҳолиаш дар водии дарёи Мекон ва дар Вентян сокинанд. Қисмати кӯҳистонии шимолиаш камаҳолӣ ва шумораи аҳолӣ ба соли

2020 7,20 млн. нафар. Ҳиссаи аҳолии шаҳр 33%, суръати афзоиши аҳолӣ дар солҳои 2010 – 2015 1,3%, синни миёнаи дарозумрии мардон 66 ва занон 69 сол мебошад.




Туризм дар Лаос соҳаи сердаромади иқтисодиёти кишвар буда, ба истифодаи захира ва имкониятҳои соҳаи сайёҳӣ вобастагӣ дорад. Аз рӯи оморҳои расмӣ ҳамасола ба ин кишвар бештар аз ду млн. нафар сайёҳон меоянд ва зиёда 270 млн доллар ворид мекунанд.

Масоҳати Лаос бо ҷангалҳои анбуҳи тропикӣ пӯшонда шуда, ландшафти он аз кӯҳҳои паст асос ёфта, қуллаи баландтаринаш Хубе 2817 м. мебошад. Дарёи Меконг аз байни Лаос, Тайланд ва Мянма мегузарад. Сарҳади Ветнаму Лаосро кӯҳҳои Чонгон ҷудо мекунанд.



Дар ин кишвар низ ду фасли сол ба назар мерасад – баҳори боронӣ, аз май то ноябр ва зимистони хушк – аз декабр то апрел.




Лаос ба ғайр аз Вентян шаҳри калон надорад: Луанхабанг 50 ҳаз., Паксе 90 ҳаз. ва Кейсон Фомвихан 70 ҳаз. аҳолӣ доранд. Аҳолии кишвар нобаробар тақсим шуда, асосан дар пойтахт ва гирду атрофи он 600 000 нафар зиндагӣ мекунанд ва сеяки аҳолӣ дар шаҳрҳо маскунанд.

Лаос аз забони қадимаи тайӣ гирифта шуда, тарҷумааш “шоҳи ҳазорфил” мебошад.



**Индонезия.**

Индонезия – давлат дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ. Пойтахташ шаҳри Ҷакарта, забони давлатиаш индонезӣ, аҳолиаш мувофиқи омори соли 2020 273,5 млн., масоҳаташ – 1 919 440 км$^2$, мебошад ва аз рӯи теъдоди аҳоли ва масоҳат калонтарин давлати минтақа мебошад. Дар ҷаҳон аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ ҷои чорум ва аз рӯи масоҳат ҷои чордаҳумро мегирад. Воҳиди пулӣ – рупияи индонезӣ аст.

Индонезия давлати унитарӣ, ҷумҳурии президентӣ мебошад. Мақомоти давлатии Индонезия чун анъана саъю талош мекунанд, ки туризм дар кишвар ривоҷ ёбад. Ин кор ба хотири он карда мешавад, ки ба кишвар ҳар чи бештар сайёҳон оянд. Аз солҳои 1980 сар карда дар кишвар шумораи меҳмонхонаҳо ва дигар инфраструктураи сайёҳӣ зиёд мешавад. Дар соли 2012 ба рӯйхати Мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО 8 обекти Индонезия дохил карда шуд ва аз ин ҷиҳат Индонезия дар минтақа дар ҷои аввал аст.

Аммо инқирози иҷтимоию иқтисодӣ, заволи сиёсӣ, авҷи ташаннуҷҳои қавмӣ ва тероризм, ки дар солҳои 1990 ва ибтидои солҳои 2000-ум дар кишвар авҷ гирифта буданд, ба таври назаррас самараву боровари ин ҷорабиниҳоро паст намуданд. Суръати афзоиши сайёҳони хориҷӣ ба ин кишвар танҳо дар соли 2007 аз нав боло рафт, вале динамикаи ба буҷа дохил шудани даромади соҳа хеле номутаносиб аст. Аз рӯи нишондодҳои оморӣ болоравии афзоиш – аз 7,7 млрд. то 8,3 млрд долл. (тақрибан 8,3 % ММД) пешгӯӣ карда мешавад.




Дар байни меҳмонони Индонезия қисмати зиёдро шаҳрвандони кишварҳои ҳамсоя, аз минтақаи Осиёю Уқёнуси Ором ташкил медиҳанд.

**Тимори Шарқӣ** – давлат дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, дар қисмати шарқии ҷазираи Тимор ҷойгир шуда, эксклави хурди дигараш, (музофоти Окуси Амбено) дар қисми ғарбии ҳамин ҷазира ва ҷазираҳои хурди Атауру (дар шимол) ва Жаку (дар шарқ) ҷойгир шудааст.

Тимори Шарқӣ дар соҳаи сайёҳӣ он қадар маъруфият надорад. Аммо мавқеияти ин кишвар бо хости таърих дар маконе ҷойгир шудааст, ки дар он ҷо бархӯрди тамаддунҳо ва инҳо бисёр

онро ҷолиби таваҷҷуҳ гардондааст. Дар ин макон ёдгориҳои таърихӣ ва обектҳои табиии диққатҷалбкунанда вуҷуд надоранд, аммо маконҳои зиёди то ҳол омӯхта нашудаи зиёд дида мешаванд, селаи зиёди сайёҳон ба ин кишвар ташриф намеоранд ва инфраструктураи пешрафтаи туристӣ вуҷуд надорад, вале соҳилҳои баҳрии қадима ва ҳаёти баҳрии ғанияш ин маконро зеб медиҳанд.

Пойтахти Тимори Шарқӣ дар соҳили шимолии ҷазира дар халиҷи кушод ҷойгир шудааст. Беҳтарин ҷои истироҳату фароғатии ин кишвар дар муқобили собиқ бинои маъмурии португалиҳои мустамликадор дар ҷазираи Агуро воқеъ гардидааст. Шаҳри Боко дуюмин шаҳри Тимори Шарқӣ аст. Мардуми шаҳрҳои ин кишвар меҳмоннавозу меҳрубон мебошанд.




**Окуси.** Шаҳри соҳилӣ дар Тимори Ғарбӣ, аз ҷиҳати сиёсӣ қаламрави Тимори Ғарбӣ, вале аз лиҳози ҷуғрофӣ ва фарҳангӣ, бешубҳа, як ҷузъи Индонезия мебошад. Аҳолии ками анклав дар деҳаҳо мутаносиб ҷойгир шудаанд ва деҳаҳо бештар аз кулбаҳои пахолӣ иборат буда, ба лонаҳои занбӯрон монанданд.



## РУШДИ МУОСИРИ САЙЁҲӢ ВА ФАРҲАНГӢ- ФАРОҒАТӢ ДАР ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ

Осиёи Ҷанубу Шарқӣ минтақае мебошад, ки қаламрави континенталӣ ва ҷазираҳои байни Чин, Ҳиндустон ва Австралияро дар бар мегирад. Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ инчунин минтақаҳои ҷанубии Чин, минтақаҳои шарқии Бангладеш ва минтақаҳои шарқии Ҳиндустонро фарогир аст.

Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳудудҳои қитъавӣ ва ҷазиравиро дар бар гирифта вобаста ба ин аз ду намуди макроноҳияҳои туристӣ: қитъавӣ ва ҷазиравӣ иборат мебошад.

Бо дарназардошти гуногун рангии ҷуғрофию маданӣ Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҷолибтарин минтақаи сайёҳии ҷаҳон ҳисобида мешавад. Нишонаҳои тамаддунҳо қадим, ёдгориҳои фарҳангӣ ва таърихӣ, боғҳои офтобӣ, растаниҳо нодир ва сарватҳои табиӣ заминаи рушди муосири сайёҳӣ ва фарҳангӣ- фароғатӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дониста мешаванд.

Дар баробари ин пойтахтҳои давлатҳои минтақа марказҳои фароғатию сайёҳӣ ба ҳисоб мераванд. Пойтахтҳои давлатҳои Тайланд, Малайзия ва Сингапур аз ҳама бештар ҷолиби диққат мебошанд.

Дар Тайланд сайёҳонро на танҳо табиати зебои он, балки ёдгориҳои фарҳангиву таърихӣ низ ба сӯи худ ҷазб мекунад. Ақидаи бештари муассисаҳои сайёҳӣ чунин аст. Маҷмааи ибодатхонаҳо, қалъаҳою қасрҳои салтанатӣ, муҷассамаи шонздаҳметраи Буддои хуфта дар Бангкок намунаҳои онанд.



Дар Пномпен, пойтахти Камбоҷа ибодатхонаи нукрагини буддой қомат афрохтааст.



Дар Малайзия сайёҳонро табиати зебо, соҳилҳои баҳрӣ ва ёдгориҳои архитектурӣ мафтун менамоянд. Дар қисмати ғарбии нимҷазираи Малак дар ҷазираи Пинанг шаҳри Пинанг ҷойгир шуда, бо соҳилҳои зебояш сайёҳонро ҷалб мекунад. Дар ҳамин шаҳр ибодатхонаи морон воқеъ аст, ҳамзамон морони ромро ба сайёҳон нишон медиҳанд.



Дар пойтахти Мянма шаҳри Янгон азимтарин ибодатхонаи буддоии асри 5-и пеш аз милод – зиёратгоҳи бутпарастон ҷойгир шудааст ва ғори бузурги дорои 2 ҳазор ҷои нишаст хеле ёдгории нодир мебошад.



Сингапур бошад давлати ҷазиравӣ аст. Дар ҷазираи ҳамноми худ ҷойгир буда, масоҳаташ 616 км² ва 58 ҷазоири хурди дигарро дар бар мегирад. Аҳолиаш 3,8 млн нафар, аз онҳо 77% чиниҳо, 13% малайиҳо, 7% ҳиндуҳо мебошанд. Забони давлат – малайӣ ва англисӣ мебошад.



Дар Сингапури муосир камбағалону гадоён ва ҷинояткорӣ вуҷуд надорад. Ягона бинои суди он ҳамеша маҳкам аст. Моҳонаи минималӣ дар ин ҷазира қариб 3 ҳазор доллари сингапурӣ аст. (Барои ба доллари ИМА баргардондан ба 1,7 тақсим кардан лозим аст). Масалан, маоши муаллим 5 ҳаз. доллари сингапурӣ мебошад.

Сингапур шаҳри биноҳои осмонхарош, маркази тиҷоратии бузурги Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мебошад ва баъди Роттердам дуюмин бандари калони ҷаҳонист.

Сингапур шаҳри тозаву озода аст. Барои партофтани нимкашидаи сигор ҷарима 1000 доллари сингапурӣ мебошад. Аз ҷуммаки обмилаҳои шаҳр об нӯшидан мумкин аст, чунки оби нӯшокӣ аз Малайзия харида мешавад ва дар худи ҷазира оби нӯшокӣ нест. Оби интиқолӣ дар зарфҳои азим рехта шуда, тоза ва минералӣ шуда, сипас ба лӯлаҳои обгузар фиристода мешавад. Сингапур дорои роҳҳои зеризаминӣ (метро) мебошад.

Индонезия на танҳо бо пойтахти худ шаҳри боҳашамати Ҷакарта, балки бо



ҷазираҳои сайёҳии махсусгардонидаи худ, аз қабили Бали, Ява, Суматра ва Ломбок маъмултарин кишвари сайёҳии минтақа ва ҷаҳоншинохта мешавад.

Индонезия як кишвари беназири дорои як қатор афзалиятҳо буда, он бо табиати зебо ва нотакрор, соҳилҳои баҳрии беҳамто, релефи беназир, инчунин набототу ҳайвоноти эндемикӣ дар якҷоягӣ бо мавзеъҳои фарҳангӣ ва таърихӣ фарқ мекунад.

Дар Индонезия комплекси туристӣ ва истироҳатӣ бо дастгирӣ ва кушишҳои бевоситаи рушд ва такмил ёфта истодааст. Индонезия кишварест, ки дорои мавзеъҳои сайёҳии олами табиӣ ва фарҳангӣ буда, дорои потенсиали бузурги сайёҳӣ ва

рекреатсионӣ мебошад ва ин имкони рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва ҷалби ҳарчи бештари меҳмонони хориҷиро ба ин кишвар дорад.

Ҷазираи Бали на танҳо бо манзараҳои зебо ва ҷангалҳои тропикӣ, балки бо маъбадҳои сершумор, ки ҳар яки онҳо як ёдгории беназири меъморӣ мебошанд, сайёҳонро ҷалб мекунад.




Дар навбати аввал ҷазираи Бали аз лиҳози ҷойгиршавии ҷуғрофӣ хеле аҷибу ғароиб аст – ин яке аз 13 500 ҷазираи пайдоишашон вулқонӣ аст, ки “ҳалқаи оташин” ном доранд. Бали ноҳияест, ки ба минтақаи маъмурии ҷазираҳои Зонди Хурди Ҷумҳурии Индонезия дохил шуда, дар архипелаги Индонезия дар байни галаҷазираҳоое ҷойгир аст, ки укёнусҳои Ҳинду Оромро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд. Аз самти ҷануб бо укёнуси Ҳинд, аз шимол бо баҳри Балии укёнуси Ором иҳота шудааст. Аз самти ғарб бо гулӯгоҳи Бали аз ҷазираи Ява ва бо гулӯгоҳи Ломбок аз ҷазираи Ломбок ҷудо мешавад.

Масоҳати ҷазира 5,6 ҳаз. км., дарозиаш 150 км. Аз шарқ ба ғарб ва 80 км. Аз шимол ба ҷануб аст. Хати Уолес, ки аз ҷазираи Бали ва Ломбок ба самти шарқ кашида мешавад, сарҳадест байни флора ва фаунаи Осиёи тропикӣ ва Австралияю Гвинеяи Нав.

Маркази маъмурии Бали - Денпасар шаҳрест омехтаи анъанаҳои қадима ва мегаполисҳои муосир, ки ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии пурҷунбуҷӯше дорад. Дуртар аз Бали дарвозаи ҳавоии он – майдони ҳавоии Денпасар ҷойгир шудааст.

Баъди эълони истиқлолияти Индонезия сайёҳии Бали хеле суст рушд карда, инфраструктураи он дар ҳолати ҷанинӣ қарор дошт. Пештар, ки аз тамоми гӯшаву канорҳои ҷаҳон сайёҳон меомаданд, дар пляжҳои Кут хоначаҳои бе рушноии барқӣ вуҷуд доштанд, ки ғизоҳои баҳрие доштанд бо қимати ночиз. Вале баракси ин алакай дар Санур масъулони ширкатҳои сайёҳӣ сафару осоиши одамони дороро хеле хуб ташкил карда буданд. Ҳукумати Индонезияро бо иқтисоди ақибмонда, ки вобаста ба содироти нефт буд, лозим меомад, ки сарчашмаҳои дигари даромад ёбад, аз ин рӯ соҳаи сайёҳӣ дар ин ҷо шукуфо шуд.




Дар навбати аввал, саъю кӯшишҳо ба он равон шуда буданд, ки симои баднамои табақаи болоии ҳукмрони Индонезияро баъди табаддулоти ҳарбӣ дар чашми ҷаҳониён хуб нишон диҳанд.

Таҳлили вазъи Бали ва нақшаи тараққиёти сайёҳии он соли 1969 ба вуқуф пайваст. Лоиҳа аз ҷониби СММ ва бо дастгирии Бонки умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ шуд. Диққати асосӣ ба ноҳияи Букит Бадунг равона гардид. Губернатори Бали Багус Мантра ба ашхоси манфиатдор пешниҳод намуд, ки мутаваҷҷеҳи фарҳанги бойи ҷазира бошанд.

Аз ҳамон замон мусиқӣ, ракс, идҳои мазҳабӣ, ҳайкалтарошӣ ва рассомӣ ҳамчун як ҷузъи инфраструктураи сайёҳии ҷазира нақши асосӣ мебозанд. Майдони ҳавоӣ тармим гардида, меҳмонхонаҳои аълодараҷа ва муқаррарӣ сохта шуданд, то ки сайёҳони тамоми қишрҳои ҷомеаро ҷалб карда тавонанд. Майдонҳои шолизор хушконида, ба тамоми ноҳияҳои камобу беоб хати лӯлаҳои об гузаронда шуд. Сайёҳии гаронқимати элитавӣ тадриҷан ҷои туризми арзонбаҳоро гирифт. Акнун ситораҳои машҳури ҷаҳонӣ ба Санур меоянд ва маросими никоҳашонро дар ин ҷо меузаронанд, вазирони аврупоӣ мураххасияшонро дар “Клуби Баҳри Миёназамин” дар Нуса Дуа сипарӣ менамоянд. Туризми сёрфинг, дайвинг, экологӣ ва пляжӣ рушд ёфта истодааст.




Индонезия яке аз ҷазираҳои калонтарини ҷаҳон ва агар масоҳати хушкиҳои ҷазираҳову баҳрҳои ин конгломерати ҷаҳониро якҷоя кунем, қариб кишвари калонтарини ҷаҳон мешавад. Ҷумҳурии Индонезия дар байни Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Австралия ҷойгир шуда, ҳамчун архипелаги бузурге ба назар мерасад, ки дар ҳайати он 17 500 ҷазира дохил мешавад, ки бештарашон то ҳол маскун нестанд.

Аз ҳама ҷазираи зеботарини Индонезия ҷазираи Бали аст. Касе, ки як маротиба ин табиати афсункори ин ҷазираро дида, ба расму анъанаҳои ин ҷо шинос шуда, дар обҳои гарму ороми ин ҷо шиноварӣ карда бошад, боз ба ин ҷо меояд. Дар ҷазираи Бали одам он чизро меёбад, ки сайёҳон ба хотири он ба ин мавзеъ барои истироҳат меоянд – дар Бали макондҳоест, ки бо обуранги хосаашон, фазои идона, бо мусиқии зебо ва нурҳои ҷонбахши офтобаш аз дигар минтақаҳои олам фарқ мекунад. Инчунин барои ошиқони ҷуғрофиёи сиёсӣ донистани ин чиз аҷиб аст, ки Индонезия дар хушкӣ бо се давлат – Малайзия (музофотҳои Саравак ва Сабоҳ дар Борнео), Папуаи Гвинеяи Нав ( ҷазираи Гвинеяи Нав) ва Тимори Шимолӣ (дар ҷазираи Тимор) ҳамсарҳад аст.

Бали дар нуқтаи ғарбтарини ҷазираҳои Зонди Хурд ба самти ҷануби хати устувор ба рӯи муссонҳои серрутубат кушода аст ва ин иқлими мусоиди истироҳату фароғатро барои тамоми сол таъмин мекунад.




Дар ин ҷазира ҳарорати миёнаи солона тақрибан +27-30 дараҷа мебошад. Соҳилҳои ҷанубии ҷазира бо обҳои укёнуси Ҳинд, дар шарқ бо баҳрҳои байниҷазиравии укёнуси Ором иҳота шудаанд. Аз ҷониби ғарб бо гулӯгоҳи танг ба ҷазираи Ява гузаштан мумкин аст, дар самти шарқ бо силсилаи дароз галаҷазираҳои Зонди Хурд имтидод ёфта, бо аҷоиботи олами рустанӣ ва ҳайвоноти нодир, масалан, сусморҳои азимҷуссаи ҷазираи Комодо ё бо чилбуғумҳои нодири ҷазираи Тимор дар ҷаҳон машҳур аст.

Истироҳат дар Бали ба ҳама дастрас аст – аввалан, ин ба он вобастааст, ки хизматрасонии анъанавии ин ҷо

арзон, вале босифат, гирифтани раводид (виза) хеле осон, вақти омадан- 25 долл. , вақти рафтан – 11 долл. мебошад; сониян, бисёр муассисаҳои сайёҳии ҷаҳон сайру сафар ба ҷазираи Бали ва дигар маконҳои Индонезияро пешниҳод менамоянд.




Ҷазираи Бали карнортарин нуқтаи ҷазираҳои Зонд, пеш аз ҷазираҳои Зонди Хурд ва Нуса Тенгара мебошад. Аз ғарби Бали силсилакӯҳҳо ба самти шарқ кашол меёбанд ва ин ҷо макони вулқонҳои фаъол мебошад. Ду вулқони калони фаъол Тунуг Агунг ( 3142 м.) ва Гунунг Батур(1717м. ) дар қисми шимолу шарқии ҷазира воқеанд.

Фаъолии вулқонҳо сабаби ҳосилхезии замин нашъунамои зироат мешавад. Фаъолияти шадиди Гунунг Батур дар соли 1963 боиси қурбониҳои зиёд ва муҳоҷирати одамони Бали шуда буд.

Дар миёни қуллаҳои баланд Батукау (2278 м.) ва Абанг(2152 м.) аз ҳама баландтаринанд. Ин қаторкӯҳҳо бо пуштакӯҳҳои оҳакӣ сарзаминро ба ду минтақаи иқлимаш мутафарриқ тақсим мекунанд. Кӯҳҳои шимолӣ аз соҳилҳои танг якбора ба самти қуллаҳо баланд мешаванд. Ин ҷо иқлими хушк дошта, барои парвариши қаҳва боду ҳавои мусоид дорад. Дар ин қисмати Бали ду дарё киштзорҳои шолиро обёрӣ мекунанд. Минтақаи ҷанубии ҷазира ҳамвориест, ки дар он киштзорҳои шолӣ доман паҳн кардаанд. Аз дараҳои пурҷангалу алаф дарёчаҳои зиёде ҷориянд. Қисмати ҷанубу ғарбӣ заминҳои корами обёришаванда буда, дар заминҳои обии ин ҷо плантатсияҳои кокос парвариш меёбанд.




Иқлими Бали устувоию муссонӣ мебошад, дар ин ҷо на иқлими чорфасла, балки ду фасл вуҷуд дорад: хушк (июн- октябр) ва серрутубат ( ноябр – март), микдори бориши зиёд дар моҳи январу феврал меборад. Дар баъзе ноҳияҳои Бали фарқи байни ду фасл ҳам мушоҳида намешавад. Дар мавсими боронҳо боришот дар мавзеъҳои маҳдуд воқеъ шуда, маъмулан шабона селборонҳои кутоҳмуддат ( 1-2 соат) бо раъду барқ мешаванд.

Ҳарорати миёнаи солона дар атрофи 26$^{0}$C лаппиш мехӯрад. Дар водиҳо ва маконҳои фароғатию осоишгоҳҳо шабу рӯз гарм, аммо кӯҳҳо шаби сард, вале боду ҳавои тоза доранд. Ҳарорати оби уқёнус 26-28$^{0}$C аст.

Дар ҷазира 3,3 млн. одам зиндагӣ мекунад. Аҳолии Балӣ асосан ҳинду буда, дар кишвари мусулмонӣ зиндагӣ доранд ва ҳамеша бо хориҷиён дар робита мебошанд. Ҳамаи ин ҳисси кунҷковиро нисбати урфу одатҳои маҳаллӣ бедор мекунад. Аҳолии Бали бо анъана ва одобу русуми хеш ифтихор доранд ва оину расмашонро сахт риоя мекунанд. Сайёҳонро лозим

меоянд, ки инро ба назар гиранд ва худро ба расму оинҳои маҳал мутобиқ намоянд.

Мардуми Бали ба сайёҳон хеле хушмуомила буда, ин хушмуомилагӣ нисбат ба индонезиягиҳои дигар ҷазоир мушоҳида намешавад. Сарфи назар аз шумораи зиёди сайёҳон муомилаи хуби мардум нисбати онҳо коста намегардад.




Аксари балийиҳо (93,93%) пайрави мазҳабҳои гуногуни ҳиндиянд, ки “Агама Ҳинду Дхарма” номида мешаванд. Такрибан, 5% аҳолӣ пайрави исломанд. Асосан мусулмонон дар Денпасар ва Сингараҷ ва маҳалҳои соҳилӣ сукунат доранд. Насрониҳову буддоиҳо каманд, аслан онҳо чиниҳои бумӣ ва табааҳои хориҷиянд (англисҳо, австралиягиҳо, голландиҳо ва ғ. мебошанд.

Дар 8 дараҷаи хати устувор ҷойгир шудани ҷазираи Бали тамоми зебоиҳою таровати табиати экваториро дар худ ғунҷонида, табиати зебои он боиси осоишу фароғати хуби сайёҳон гаштааст. Занҷираи кӯҳҳо ин пораи хушкиро, ки дарозии 150 км. ва бари 80 километра дорад ҳалқасон печонидаанд, қуллаҳояш ба баландии 3000 м. қад кашидаанд. Вулқонҳои амалкунандаи бисёр боиси шавку ҳаяҷони дӯстдорони табиат мешаванд, чунки чунин манзараҳои нодирро на дар ҳама ҷои ҷаҳон дида метавонанд.

Аз ҳама аҷибтарин вулқони Гунун Агунг – модари кӯҳҳо ба қарибӣ иқтидори хешро ба намоиш гузошта, ҳама мавҷудоти ҷазираро тарсонда, акнун ором хобидааст. Нуса Дуа – маҷмааи сайёҳии олидараҷа дар қисмати ҷанубии ҷазира мавқеъ дорад.




Маркази осоишгоҳ – маҷмааи мағозаву тарабхонаҳо ва ҷоест, ки сайёҳон консерту намоишҳоро тамошо мекунанд. Ҷаззобияти ин осоишгоҳ дар он аст, ки Нуса Дуа аз тамоми ҷазира бо хати сабзи шартии боғҳо ҷудо аст. Дар марказаш Галереяи Нуса Дуа ҷойгир аст, ки дар он тарабхонаҳо, дӯкончаҳо ва мағозаҳо мавҷуданд, ки барои сайёҳон либосу пойафзол ва ҳар гуна тухфаҳоро пешниҳод менамоянд. Дар ин ҷо маконҳои зисти аҳолӣ ё муассисаҳое, ки марбут ба сайёҳӣ нестанд вуҷуд надоранд. Осоишгоҳҳо дар тамоми нуктаҳои ҷазира ба майдонҳои ҳавоӣ бо роҳҳои навъи Bi Pass пайванд шудаанд. Дар Нуса Дуа меҳмонхонаҳои панҷситора, виллаҳои корпоратсияҳои машҳури ҷаҳонӣ ва пляжҳои бо регҳои тиллоӣ, боғҳои зебои бозии голф ва мағозаву тарабхонаҳои то ними шаб фаъолияткунанда мавҷуданд.

**Танҷунг Беноа** маркази фароғатии дигар, гӯё акси дигари Нуса Дуа

мебошад ва байни ҳам 5 – 10 дақиқа фосила доранд. Фароғатгоҳ дар назди бандари Танҷунг Бено мавқеъ дошта, аз ин бандар хатсайрҳои обии киштиҳо сайёҳонро ба тамошо мебаранд. Дар Беноа сайёҳон дар меҳмонхонаҳои сеситора ва чорситораи дилкушо истироҳат мекунанд. Дар ин истироҳатгоҳ тамоми спорти обии моторӣ иҷоза дода шудааст.




Дар Танҷунг Беноа шумо метавонед бутхонаи чинӣ, ибодатхонаи ҳиндӣ ва масҷиди мусулмононро тамошо кунед. Ин меъмориҳои нодирро тамошо карда, аз зебоӣ ва меъмории онҳо дар ҳайрат мемонед, фазои гуногуни дину мазҳаб ва фалсафиро эҳсос мекунед. Пеш аз тамошо шуморо лозим аст, ки ба тартиби зиёрати ин ҷойҳо ошно шавед. Масалан, барои даромадан ба масҷид шумо бояд пойафзолатонро кашед, дар ибодатгоҳи ҳиндӣ бошад бо тиккаи матое худро бипечонед.

**Кута** – шаҳрест дар самти ғарбии соҳилиҳои ҷазира ва дар 10 – километрии Денпасар ҷойгир шудааст. Ин ноҳияро шахсоне интихоб мекунанд, ки урфу одати мардуми маҳал ва обуранги миллии ҷазира барояшон мароқовар аст.

Таърих гувоҳ аст, ки деҳаи хурду ороми Кута дар як муддати кутоҳ ба шаҳри шукфо табдил ёфтааст. Кӯчаҳои танги серодами ин ҷо пур аз мағозаҳои савғотӣ ва либосҳои дӯхта мебошад. Дар ин ҷо марказҳои калони савдо ва универмагҳо ва яке аз ҷойҳои дӯстдоштаи сайёҳон – “ Мата Хара” – и чорошёна воқеъ аст. Тарабхонаҳои арзону қиматбаҳо, дискотекаҳо, хулоса, ҳаёт бо тамоми обурангаш дар ин ҷо дар ҷӯшу хурӯш аст. Барои сайёҳони дӯстдори спортҳои обӣ – виндсерфинг, бодисерфинг ва дигар намудҳои бозиҳои обӣ пляжҳо пешкашанд. Ноҳияи Леган дар наздикии марказҳои савдои Кута аст. Кута дар самти ғарб аст ва аз ин рӯ дар ин ҷо ғуруби зебои офтобро наззора кардан имкон дорад.




Дар Кута Аквопарки Ватерпо бо кӯталҳои обӣ, чархофалакҳо ва нақбҳои зериобияш ҳамаро мафтун мекунад.

**Фароғатгоҳи Санур** дар ҷанубу шарқи Денпасар (30 дақиқа аз Кут ва майдони ҳавоӣ) мавқеъ дорад ва як замон деҳаяки хурди моҳигирон буд. Дар ин ҷо пляжи орому беҳтарини оббозӣ ҷойгир аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки даҳсолаҳо ин ҷониб атмосфераи Санур батағйир аст: фароғатгоҳ аслан меҳмонхонаҳои чорситора дошта, пляж, анвои варзишҳои обӣ тарабхонаҳо ва ҳаёти шабонаи хоса, барҳои ҷаз ва пианоро ба сайёҳон пешниҳод менамояд. Дар ин ҷо амрикоиҳо ва аврупоиҳои зиёдеро вохӯрдан мумкин аст, ки доимӣ дар ин ҷо зиндагӣ мекунанд.

Ҳоло Санур ба фароғатгоҳи олитарии ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Боғҳои зебо ва пляжҳои дилфиребу сафеди он сайёҳонро хушоянд аст, аз ин рӯ бисёриҳо муддати дароз ин ҷо маскан мегузинанд.

**Ҷимбаран** аз халиҷҳои зебоманзари ҷазираи Бали ва макони дӯстдоштаи

сайёҳони хориҷӣ мебошад. Аз Кута ва Нуса Дуа то ин ҷо як қадам роҳ аст. Дар аввал дар ин ҷо моҳигирони индонезӣ маскун буданд, ин меҳмонхонаҳои муосир солҳои охир бунёд карджа шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки ин фароғатгоҳ намунаи беҳтарини курортҳои ҷаҳон аст. Дар ин ҷо курортҳои дараҷаи олӣ зиёданд. Манзараҳои зебои Ҷимбаран Бэй шуморо ҳангоми тулӯъ ва ғуруб бо рангҳои дилфиребаш мафтун менамояд. Виллаҳои хушсохт ба ин манзараҳои зебо ҳусни дигар медиҳанд. Дар ин ҷо барои сайёҳон аз маҳсулоти баҳрии тару тоза хӯрокҳои дилхоҳашон пухта мешавад.

**Убуд** – маҷмааи олидараҷаи сайёҳии Бали аст, ки мақбули ашрофон мебошад. Ин мавзеъ бо рассомони чирадасти хеш машҳур гардидааст. Ин шаҳраки зебо бо бозори намунаҳои санъати рассомӣ ва кандакорони чӯб ва осорхонаи рассом Антонио Бланко, ки ӯро Пикассои Бали меноманд, маъруфият дорад.




Убуд шаҳри қадимист ва онро маркази ҳунарҳои бадеӣ ва санъат меҳисобанд. Манзараҳои шаҳраки Убуд зеботарин манзараҳои Осиё мебошанд.

Аз гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки дар масоҳати хурди ҷазирае, чун Бали ин ҳама зебоиву латофат ва васоити дилхуширо ҷамъоварӣ кардаанд: зиёда аз ҳазор ибодатгоҳ ва маҷмааҳои мазҳабӣ, ки дар ягон кишвари дигар назирашон дида намешавад; кӯлҳои кӯҳӣ, вулқонҳои фаъол, манзараҳои гуногун, ду ҷангали маймунҳо, боғҳои паррандагону хазандагон, аквапарк, сафариҳо бо филҳову шутурон, сафарҳои баҳрӣ ба ҷазираҳо, дайвинг, саёҳат бо яхтаҳо, моҳидорӣ, экскурсияҳои чархболӣ ва бисёр чиҳои дигар.



Лекин аз ҳама чизи асосӣ: ин макони афсонавиест, ки онро бо сухан тасвир кардан имкон надорад, танҳо онро бо чашм мебиниву бо узвҳои ҳиссат эҳсос менамоӣ. Ин эҳсосот дар бӯи гулҳо ва садои мусиқияш, ки дар ҳама ҷо ба гӯш мерасад, эҳсос карда мешавад. Инро дар рақси раққосон ва табассуми мардуми ин макон мебинӣ.

Ин эҳсос ҳамон лаҳзае сар мешавад, ки роҳбаладон шуморо бо либоси миллӣ пешвоз мегиранд. Ҳамон лаҳза инро ҳис мекунед, ки атроф пур аз гулу сабзазор аст. Ҳама чиз шуморо ба ёди декоратсияҳои кино мебарад, гӯё дар саҳнаи филмбардорӣ бошед ва филми афсонавие меофарида бошанд. Вале ин тавр нест, ин ҳақиқати зиндагии мардуми Бали аст ва онҳо ҳамин гуна ҳаёти рӯзмарра доранд.

Ҳама он касоне ки ин ҷо ташриф овардаанд, бо худ нерую энергияи мусбӣ бурдаанд. Ва кӯшиш мекунанд, ки бори дигар ба ин ҷо оянд.

## МАВҚЕИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ ДАР НИЗОМИ САЙЁҲИИ ҶАҲОНӢ

Баъди минтақаҳои Аврупо ва Америка, аз ҷиҳати пешрафти сайёҳӣ Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва минтақаи укёнуси Ором меистанд. Баъзе кишварҳои минтақа дар солҳои охир ба ин соҳа рӯ овардаанд.



Асосан инҳо кишварҳои саноатии минтақа – кишварҳои содиротии молҳои гуногун Малайзия, Сингапур, Тайланд, Индонезия, ва Тайван мебошанд. Дар ин кишварҳо содироти мол ва содироти хизмат ҳамдигарро пурра мекунанд. Заминаи рушди ин соҳаҳо ба тараққиёти босуръати телекомуникатсия, нақлиёти байналхалқӣ, аз ҷумла, ҳавоӣ ва соҳаи бонкӣ вобастагӣ дорад. Масалан, содироти молҳо боиси сафарҳои хидматӣ ба ин кишварҳо мешавад, ин



дар навбати худ, ба бизнеси меҳмонхонадорӣ ва санъати дилхушиҳову фароғатгоҳҳо такон мебахшад. Туризим, дар навбати худ, боиси зиёд шудани захираи асъори хориҷӣ шуда, такone барои пешрафти иқтисод мешавад.

Дар соли 1996 ба АУТ (Агентии умуҷаҳонии туризим) 90 млн. нафар муроҷиат намуда, ҳиссаи даромади он ба 15,2 % сатҳи молиёти ҷаҳон баробар буд.

Осиёи Ҷанубу Шарқӣ сайёҳони



хориҷиро, пеш аз ҳама на танҳо бо табиати зебою форами хеш ҷалб мекунад, балки кишварҳои саноатии нав сайёҳонро барои сафарҳои хидматӣ ба сӯи худ мекашанд.

Сингапур барои ҷаҳониён туризми шопинги оличанобро пешниҳод менамояд. Яке аз ноҳияҳои сайёҳии хуб Тайланд гаштааст, махсусан, баъди сохтмони пляжҳои нав дар қисмати соҳилҳои ҷанубияш сайёҳии фарҳангию маърифатиро дар шимоли кишвар ба роҳ мондаанд.



Дар солҳои охир маблағи даромад аз соҳаи сайёҳӣ нисбати шумораи сайёҳони ба минтақа меомада зиёд шудааст. Ин аз он сабаб аст, ки кишварҳои минтақа соҳаи сайёҳиашонро бештар ба самти

одамони сарватманд нигаронида истодаанд.

Дар ин минтақа масрафи миёнаи як сайёҳ 764 долларро ташкил медиҳад, ки аз ҳисоби миёнаи умумиҷаҳонӣ баландтар аст, масалан, Сингапур – 955 долл. мебошад. Аммо кишварҳоеанд, ки масрафи як сайёҳашон нисбати ҳисоби миёнаи ҷаҳонӣ хеле кам аст, масалан, Чин - 239 долл.



Баръакси тараққиёти босуръати санъати туризим ва дохил шудан ба кишварҳои АУТ саҳми сайёҳӣ дар иқтисодиёти минтақа нисбати дигар манотиқи ҷаҳон кам аст. Он ҳамагӣ 5% воридоти кишвар аст, дар ҳоле ки ҳисоби миёнаи ҷаҳон 8,3 %-ро ташкил медиҳад, чунки кишварҳои минтақа самташон бештар ба сӯи содирот аст, на хидматрасонӣ.



Аз ҳамаи гуфтаҳои боло чунин хулоса бармеояд, ки барои рушди бонизоми туризми ҷаҳонӣ чунин омилҳову сабабҳо таъсир мерасонанд:

- вазъи иқтисодӣ
- ҷунбиши мубодилаи асъор
- куҳнашавии масолеҳи сайёҳӣ
- вазъи сиёсии минтақа
- болоравии хизматрасониҳои сайёҳӣ
- пешрафта будани инфраструктураи сайёҳӣ
- рушди соҳаи меҳмонхонадорӣ
- рушди марказҳои сайёҳии молиявӣ, саноат ва нақлиёт
- ноустувории селаи сайёҳии дохиливу хориҷӣ.



Минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Уқёнуси Ором яке аз минтақаҳое мебошанд, ки дар онҳо туризим бо суръати баланд пеш рафта истодааст, аммо мавҷи сайёҳон ба ин кишварҳо нисбати Аврупо ва Америка он қадар зиёд нест. Аммо пешгӯӣ метавон кард, ки дар ояндаи наздик аз ҷиҳати шумораи сайёҳон ин минтақа аз пешгомони ин соҳа хоҳад шуд.



Тақсимоти минтақавии мавҷҳои сайёҳии байналхалқӣ ташкил карда шудааст. Аз ибтидои табодули сайёҳии байналмилалӣ то ҳол Аврупо дар ҷаҳон дар ҷои аввал (386 млн.). Ин макон барои худи аврупоиҳо, ИМА ва Канада низ ҷолиби диққат аст. Дар

ҷои дуюм солҳои сол Амрико меистад (127 млн.). Имрӯз Аврупою Амрико, пеш аз ҳама Амрикои шимолӣ минтақаи асосии туристии ҷаҳон ба ҳисоб меравper. Зиёда аз 50 дар 1000 ҳиссаи боздидҳои сайёҳии ҷаҳонӣ ба минтақаи Аврупо рост меояд.



Динамикаи туризми ҷаҳонӣ дар манотиқи ҷаҳон дар 45 соли охир тағйиротҳои бузургеро аз сар гузарондааст. Дар мавриди 20 маротиба зиёд шудани мавҷҳои туристӣ дар сайёра дар Аврупо ва Амрико онҳо қариб баробари ҳисоби миёнаи ҷаҳонӣ (6,5 ва 5,9%) зиёд шудаанд. Аммо манотиқи сайёҳии ҷавон – Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Укёнуси Ором, Шарқи Наздик ва Африқо тез рушд карда истодаанд. Вале ин пешравӣ дар онҳо устувор набуда, селаҳои сайёҳӣ гоҳо бо сабабҳои манфии сиёсӣ ва иқтисодӣ кам мешаванд.

Дар даҳсолаҳои охир динамикаи туризм ба минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Укёнуси Ором хеле боло рафта, аз нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳонӣ 9 маротиба зиёдтар гардидааст. Ин падида дар солҳои инқирози ҷаҳонӣ – 1997-1998 камтар шуд, вале алакай дар соли 1999 минтақа инқирозро паси сар карда, аз ҷиҳати мавҷҳои туристӣ рекорд нишон додааст ва шумораи сайёҳон ба 97,6 млн. расидааст. Аз рӯи маълумотҳои АУТ дар соли 2017 шумораи умумии ҷойҳои тахти



хоби сайёҳӣ дар дунё 8,2 млрд. расидааст. Қисмати асосии онҳо ба сайёҳии дохилӣ – 70% - рост меояд. Маълумотҳои оморӣ доир ба ҷойҳои тахти хоби шабона аз рӯи моҳҳои тақвим, навъ, категория ва макони омадани сайёҳон гурӯҳбандӣ мешаванд.

Ин фарқиятҳо ба ихтисоси кишвари қабулкунанда (масалан, туризми хидматӣ ё сайёҳии фароғатию дилхушӣ) вобастагӣ дошта, нархҳо мувофиқи категорияҳо гузошта мешаванд, инчунин нархҳо ба хусусияти мавҷҳои (транзитӣ ё маскунии доимӣ) ва дигар омилҳо алоқаманд мебошанд. Аз рӯи мувофиқати замони сукунат, масалан дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва ҳавзаи Укёнуси Ором муддати сукунат аз 3 то 24 рӯз аст.

## ХУЛОСА

Сафарҳои сайёҳӣ ба ин минтақаи Осиё дар тамоми ҷаҳон маъруфият пайдо карда истодааст. Гуногунии табиати зебо, боду ҳавои мусоиду форам сайёҳонро аз тамоми гӯшаву канори дунё ба ин сӯ ҷалб мекунад. Тайланд аз ин ҷиҳат кишвари пешрафтаи минтақа аст. Аҷоиботи табиати зебо ва нархҳои дастрас, ки ба сайёҳон дар ивазаш хизматрасонии олӣ пешкаш карда мешавад, ин кишварро барои сайёҳон хеле ҷаззобу дилрабо мегардонад.

Кишварҳои Малайзия ва Сингапур низ аз лиҳози сайёҳӣ тамошобобанд. Агар шумо муъҷизоти техникаро диданӣ бошед, Сингапур таҷассуми ин муъҷиза аст. Малайзия бо Тайланд шабоҳати яккхела дорад, вале сайёҳӣ дар ин кишвар дар щоли суръатёби царор дорад. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ватани муъҷизоти нодир ва зебову нотакрор аст.

Дар натиҷаи таҳлилҳо маълум гардид, ки сайёҳӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ соҳаи муҳими иқтисод буда, сармояи хориҷиро ба ин минтақа ворид мекунад.

Манзараҳои ҷуғрофии Индонезия, Филиппин, Лаос ва Тайланд барои туризм омили хуб мебошанд. Хусусиятҳои релефии гуногун: аз ботлоқзорҳову заминҳои ҳамвор то қуллаҳои баландкӯҳи барфпӯши Индонезия сад рангу зебоиро ба назари фароҳам меоваранд. Минтақа флора ва фаунаи нодир дорад. Масалан, гули калонтарини ҷаҳонро (Рафлезия Арнолд) танҳо дар ҳамин ҷо дидан мумкин аст. Соҳилҳо, вулқонҳо, чашмаҳои оби сӯзон обектҳои табиии аҳамияти ҷаҳонӣ дошта – ҳамаи ин дар байни сайёҳони ҷаҳон хеле машҳуранд.

Дар кишварҳои минтақа ёдгориҳои фарҳангии бисёр ба мушоҳида мерасанд, ки ба санъати меъмории асрҳои миёна алоқамандӣ доранд. Аммо дар муқоиса бо дигар кишварҳо дар Сингапур воситаҳои дилхушии зиёд, аз операҳои чинӣ сар карда то мюзиклҳои Бродвей ва намудҳои гуногуни спорт ва востаҳои дилхушии гуногуну чархофалакҳо – ҳама барои ҷалби сайёҳӣ ва сайёҳон муҳайё шудаанд.

Мавқеи мусоди ҷуғрофӣ ва дар чорроҳаи роҳҳои баҳрию ҳавоӣ қарор доштани минтақа низ барои пешрафти иқтисоди он накши муҳим мебозад.

Дар умум ин минтақаи азими Осиё, ки соҳиби захираҳои зиёди истироҳатию сайёҳӣ аст ба таври баробар рушд нанамудааст. Туризм бештар дар Бали бо суръати тез тараққӣ карда истодааст.

Ба ин омилҳои зерин мусоидат менамоянд: 1. Гуногунии захираҳои сайёҳӣ; 2. Гуногунии ёдгориҳои ҷолиби таърихӣ; 3. Ҳаррангиву зебоии табиат ва иқлими минтақа; 4. Қисми зиёди минтақа бо бахрҳову укёнусҳо ҳамҳудуд аст; 5. Диққати ҳукумати кишварҳо ба рушди сайёҳӣ нигаронида шудааст; 6. Таносуби табиати зебо ва дастовардҳои техникаи муосир ҳамчун заминаи рушди инфраструктураи туристӣ;

Хулоса, кишварҳои саноатии нави Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ояндаи хуби рушди сайёҳӣ доранд ва ҳукуматҳои ҳар кишвар саъй мекунанд, ки дар минтақа дар рушди сайёҳӣ мақоми муносиб дошта бошанд.


BRUNEI
MAP
PLANE
FLOWER
ANIMAL
FOOD
SPORT
PLAY
VEHICLE
EXPORT
MUSICAL INSTRUMENT
CAPITAL
ART CULTURE
GHOST
PRISONER
THE DRESS


PHILIPPINES
MAP
PLANE
FLOWER
FOOD
SPORT
VEHICLE
PLAY
EXPORT
ANIMAL
CAPITAL
ART CULTURE
GHOST
PRISONER
THE DRESS


Asean Economics Community
Malaysia


Asean Economics Community
Republic of Indonesia


Asean Economics Community
The socialist Republic of Vietnam


Asean Economics Community
The Union of Myanmar




Ба матбаъа 15.10.2023 супорида шуд. Ба чопаш 20.10.2023 созиш карда шуд. Андозаи чопии 60x84/1. Қоғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Чопи шартии 9. Ҳуруфи «Times New Roman Tj». Адади нашр 200 нусха.

ҶДММ «СУФРА»
Суроға: 734036, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 37.